**Тақризи**

**роҳбари илмии диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович дар мавзӯи "Фалсафаи забон (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз) аз рӯи ихтисоси 09.00.03. барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои фалсафа**

Рисолаи мазкур ба яке аз проблемаҳои муҳими замони муосир фалсафаи забон: дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз бахшида шуда, муаллиф дар он баҳси муфассалеро бо риояи тамоми талаботи таълифоти рисолаҳои илмӣ, ки аз ҷониби ВАК назди Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, анҷом додааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боби асосӣ ва шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, бо забони хуби илмӣ пешниҳод гардидааст.

Қабл аз ҳама ҳамин нуктаро бояд таъкид кард, ки дар кишвари мо чунин рисола бори аввал таҳия гардида, проблемаҳои вобаста ба фалсафаи забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар муқаддима муаллиф аҳамияти мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ, сатҳи омӯзиши мавзӯ, ҳадафи таҳқиқ, объект, субъект, усулҳо, асосҳои назариявии таҳқиқ, нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, сотор ва тавсифи умумии кори таҳқиқотиро ёдовар шудааст.

Дар боби аввали рисола "Фалсафаи забон, тафаккур ва ҳувияти инсон" масоили таносуби забон ва тафаккур, фалсафаи забон дар таносуби он бо забони фалсафӣ ва забони миллӣ дар сархати ҳуввияти миллиро мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Бояд таъкид кард, ки сарфи назар аз тадқиқоти зиёд дар бораи фалсафаи забон, ки файласуфони хориҷӣ дар кишварҳои гуногун ва махсусан Федератсияи Россия анҷом додаанд, ҳаргиз наметавон даъво кард, ки омӯхтан, таҳлил ва баррасии ин масъала ба поён расидааст. Ҳанӯз ҳам омӯзиши фалсафаи забон ва махсусан масоили таносуби забон ва тафаккур, забони фалсафии тоҷикӣ ниёз ба омӯзиши бештар доранд, то ки накш ва мақоми фалсафаи забони тоҷикӣ дар тамаддуни миллӣ ва ҷаҳонӣ, аз як ҷониб ва аз ҷониби дигар, ҷойгоҳи волои он дар таърихи илм ва фалсафа воқеъбинонатар муқаррар гардад. Умед аст, ки бори аввал матраҳ шудани ин масъала ва шарҳу тавзеҳи фалсафаи забони тоҷикӣ аз ҷониби Каримов К.Д. тадқиқотҳо ва рисолаҳои илмии дигарро ба дунбол хоҳад овард. Дар ин маврид таъкид бояд кард, ки рисолаи мазкур оғози омӯзиши илмии масъалаи фалсафаи забон ҷиҳати шинохти

амиқтари ин масъала кӯмаки шоиста хоҳад кард ва дар худшиносии миллии мо мадади воқеии назарӣ ва амалӣ хоҳад расонид.

Яке аз самтҳои то ҳол тадқиқнашудаи фалсафаи забон ин аст, дарояндаи наздик тадқиқ намудани забони ҳар як мутафаккири форсизабон ва бахусус бузургони сатҳи ҷаҳонӣ Ибни Сино, Носири Хусрав ва даҳҳо шахсиятҳои дигар низ мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт, зеро ҳар як мутафаккир бо дастовардҳо ва комёбиҳои илму фалсафаи пешиниён, ҳамзамонони худ ва ахиран ба навовариҳои илмӣ ва фалсафии шахсии мутафаккир такя мекунад, ки омӯзиши илмии он ҷиҳати рушди забон зарур аст.

Боби дуввуми рисола "Масъалаҳои фалсафии забони тоҷикӣ" аз зербобҳои "Шинохти забони тоҷикӣ ва фалсафаи он", "Анъанаҳои таҳлили илмию адабӣ ва ҷӯсторҳои забони фалсафии тоҷикӣ" ва "Таҳаввулоти забони миллӣ ва фалсафии тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ" иборат буда, метавон даъво кард, ки муаллифи рисола яке аз аввалин муҳаққиқонест, ки масъалаҳои "забони фалсафаи тоҷикӣ", "анъанаҳои таҳлили илмию адабии тоҷикӣ", "таҳаввулоти забони миллӣ ва фалсафии тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ" ва ғ-ро ҳамчун мавзӯи мустақили таҳқиқи илмӣ қарор додааст.

Ҷаҳонишавӣ чунин бархурдҳои маънавиеро тавлид намудааст, ки дар муқобили онҳо танҳо масоили ахлоқии бунёдиро метавон гузошт, ки имкони даровардани "ислоҳот"-ро дар психикаи инсон ворид намуд. Тамаддуни муосир имрӯз то ба сатҳи "хирадмандие" расидааст, ки ҳатто масъалаи ҳастии худи инсонро дар шакли фоҷеаи Шекспир "будан ва набудан" ба миён гузоштааст. Бухрони тамаддуни муосирро дар андозаи муайяне бухрони ахлоқии инсоният ба миён гузоштааст, аз ин рӯ, рӯ овардан ба фалсафаи забон аз ниёзҳои рузмарраи шароити муосир мебошад.

Навгониҳои таҳқиқот, гузориш ва ҳаллу фасли проблемаҳои бо мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ алоқаманд нишон медиҳанд, ки муаллиф адабиёти дар ин самт то имрӯз мавҷуд бударо ҷиддан таҳлил намудааст ва натоиҷи ба дастоварда метавонанд дар оянда таваҷҷӯҳи муҳаққиқони соҳаҳои зиёдро ҷалб намоянд.

Тамоми зербобҳои бобҳои аввал ва дуввум далели онанд, ки муаллиф таҷрибаи хуби кори илмӣ пайдо карда, дар ҳаллу фасли проблемаҳои баррасишаванда дорои мавқеи равшани танқидӣ мебошад. Рисола дар сатҳи зарурӣ таҳрир ёфта, аз нуқсонҳои имлоӣ ва техникӣ орӣ мебошад. Иқтибосҳои ниҳоят сершумори сарчашмаҳо ва адабиёти таҳқиқотӣ далели онанд, ки муаллиф барои таҳияи рисола омодагии хуб

дида, аз мавқеи манфиатҳои илмӣ проблемаҳои рисолаи илмиашро ҳаллу фасл намудааст. Хидмати асосии диссертант дар он аст, ки ӯ бори аввал масоили ба фалсафаи забон алоқамандро дар кишвар ба миён гузошта, андешаҳои худро тарҳрезӣ кардааст.

Забони тоҷикии рисола мақбулу дилписанд, соддаву фаҳмо, равону суфта буда, дорои арзиши баланди илмӣ мебошад, аз назари соддагиву равонӣ сазовори ҳама гуна ситоишу офарин аст.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои ба дастовардаи муҳаққиқ нишондиҳандаи онанд, ки онҳо асоснок ва муътамаданд. Дар асоси далелҳои боло, метавон собит намуд, ки рисолаи тадқиқотии Каримов К.Д. амали мустақилона ва ба интиҳо расида буда, ба тамоми талабот ва шартҳои рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Профессори кафедраи онтология
ва назарияи маърифати ДМТ,
доктори илмҳои фалсафа Зиёев И.Ғ.

Имзои профессор И.Ғ.Зиёевро тасдиқ мекунам
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони А.Рӯдакӣ, 22 ДМТ.
Тел. моб.: +(992) 935-91-00-04
Email: idibekziyoev@yahoo.com